# ХУЛОСАИ
## Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-O18-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дарачаи илмии номзади илм

**Парвандаи аттестатсионии №**

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 24 сентябри соли 2024, №63 дар бораи сазовор донистани Абдуллозода Аҳтам Рустам, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**

Диссертатсияи Абдуллозода Аҳтам Рустам дар мавзӯи: “Шартномаҳои консессионӣ: дурнамо ва рушд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бо қарори Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-O18-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш.Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори Шӯрои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Точикистон 07 январи соли 2022, №15/шд) аз санаи 2 июли соли 2024 ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Абдуллозода Аҳтам Рустам 31 октябри соли 1980 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 1997 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 2002 аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиноси байналмилалӣ хатм намудааст.

Аз соли 2010 то соли 2013 ба сифати унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буда, айни замон дар мансаби сардори Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ:

**Бобозода Умед** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

Меликов Умрилло Асадуллоевич - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, иҷрокунандаи вазифаи профессори кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

Сидиқов Дилшод Аҳрорович - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе)

Дар хулосаи мусбии додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар Бобоев Ҷ.Қ. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи

ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ихтисос: 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалӣ) омода гардида, аз ҷониби раиси семенари васеи илмӣ - назариявӣ, Оралбаев Х.Х. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва котиби ҷаласа Дустов С.А. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон имзо ва аз ҷониби Абдуалимзода Ҳ.А. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон санаи 29 августи соли 2024 тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона омода гардида, вобаста ба сохтор ва мухтавои худ дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Услуби навишт ва сатҳу сифати навгониҳои илмие, ки тибқи диссертатсия пешниҳод гардидаанд, андешаю мавқеи илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои илмӣ, назариявӣ ва амалие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, маколаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ - амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар иртибот ба мавзӯи диссертатсия ва моҳияти он 1 монография ва 15 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 9 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст.

Интишороти муаллиф мазмуну муҳтаво, андеша ва мавқеи илмӣ, нуқтаҳои асосӣ ва натиҷаҳои диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**

**I. Монографияҳо:**

1. Абдуллозода А.Р. Концессионые договоры: перспективы и развитие: /Матн/: монография/ А.Р. Абдуллозода, - Душанбе, МН «Дониш» АМИТ, 2021. – 198с. ISBN 978-99985-70-22-1.

**II. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

2. Абдуллоев А.Р. Проблемы совершенствования законодательства Республики Таджикистан о концессиях [Текст] / А.Р. Абдуллоев // Известия Академии наук Республики Таджикистан. – Душанбе, 2010, – №4, – С. 133-137.

3. Абдуллоев А.Р. Понятие и правовая природа концессионного соглашения [Текст] / А.Р. Абдуллоев / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2011, –№2(66) – С. 173-179.

4. Абдуллоев А.Р. Баъзе масъалаҳои таносуби шартномаҳои концессионӣ бо шартномаҳои ба ҳам алоқаманд [Матн] / А.Р. Абдуллоев // Қонунгузорӣ. – Душанбе, 2019, – №2(34) – С. 54-59.

5. Абдуллозода А.Р., Бобозода У. Моҳияти кафолатҳои ҳуқуқҳо дар шартномаи концессионӣ: таҳлили ҳуқуқию амалӣ [Матн] / А.Р. Абдуллозода, У. Бобозода // Ахбори ДДҲБСТ, 2022, – №4 (93), – С.13-23.

6. Абдуллозода А.Р. Баъзе масоили назариявии табиати ҳуқуқии шартномаи концессионӣ [Матн] / А.Р. Абдуллозода // Қонунгузорӣ №3 (47), 2022, – С. 29-36 (ВАК РФ).

7. Абдуллозода А.Р. Некоторые вопросы гарантии прав по концессионому договору [Текст] / А.Р. Абдуллозода // Юридический вестник, – №4 (12), 2022. – С. 39-45.

8. Абдуллозода А.Р. Уҳдадориҳои тарафҳои шартномаи концессионӣ: хусусиятҳои ичро ва ҷавобгарии тарафҳо [Матн] / А.Р. Абдуллозода // Ҳаёти ҳуқуқӣ, – №3 (39), 2022. – С. 172-181.

9. Абдуллозода А.Р. Дурнамои рушди шартномаҳои концессионӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.Р. Абдуллозода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон, –№3 (27), 2022. – С.207-220.

### III. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

10. Абдуллоев А.Р. Правовая природа концессионных соглашений [Текст] / А.Р. Абдуллоев // Проблемы развития гражданского законодательства Республики Таджикистан. – Душанбе, 2009. – С. 414-429.

11. Абдуллоев А.Р. Инкишофи қонунгузории консессионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ [Матн] / А.Р. Абдуллоев // Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолият. Маводҳои конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба 20 – умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2011. – С. 260-271.

12. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ (зери таҳрири Бобоев У.Х.). – Душанбе, 2011. – С. 362.

13. Абдуллоев А.Р. Развитие концессионных договоров в Республике Таджикистан [Текст] / А.Р. Абдуллоев // Давлат ва ҳуқуқ. –Душанбе, 2012, – №1.– С. 36-42.

14. Абдуллоев А.Р. Субъекты концессионных правоотношений. Становление гражданского законодательство Республики Таджикистан [Текст] / А.Р. Абдуллоев // Юбилейный сборник научных статьей, посвященных десятилетию кафедры гражданского права Российско-Таджикского (славянского) университета – Душанбе, 2012. – С. 326-342.

15. Абдуллозода А.Р. Баъзе масоил ва хусусиятҳои бастани шартномаи концессионӣ [Матн] / А.Р. Абдуллозода // Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз.

Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон 9 декабри соли 2022.

16. Abdullozoda A.R. ON THE ISSUES OF THE ENTITLEMENTS AND OBLIGATIONS OF THE PARTIES IN THE CONCESSION AGREEMEN / [Матн] / A.R. Abdullozoda / Proceedings of the 2nd International Scientific and Practical Conference DIVERSITY AND INCLUSION IN SCIENTIFIC AREA, Warsaw, Poland 26-28.01.2023, Scientific Collection «InterConf» №140 January, 2023. С.425-434.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

– **Раҳимзода Султон** – Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи консессия);

– **Рустам Шоҳмурод** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Раиси Кумита оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амнияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вакили парлумон;

– **Раҷабзода Маҳмадёр** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Ректори Донишкадаи омӯзгории Рашт;

– **Саидзода Иззатулло** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Директори маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳамаи тақризҳо диссертатсияи мазкурро мусбӣ муаррифӣ намуда, хусусиятҳои навгонӣ ва хулосабарории илмии муаллифро ҷонибдорӣ намудаанд. Дар баъзан тақризҳо баъзе эроду тавсияҳои ҳусусияти мубоҳисавӣ, махсусан дар самти объектҳои шартномаи консессионӣ, таҳияи рӯйхати объектҳои соҳаи мудофиа ва амният, ки ба консессия дода мешаванд, вобаста ба ҳисобкуниҳои консессионӣ пешниҳод шудааст.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 61-10 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-ум июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом дода, раванди фаъолияти илмию амалии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда алоқамандии зич дорад.

**Шӯрои диссертатсионӣ иброз медорад, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар раванд ва натиҷаи иҷрои таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои зерин ҳал гардиданд:**

**- коркард карда шуд: маҷмӯи** масъалаҳои назариявӣ ва амалии шартномаҳои консессионӣ дар иртибот ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи миллӣ ва хориҷии консессионӣ бо дарназардошти самаранокии истифодаи моликияти дар ихтиёри давлат

қарордошта, инчунин таҳияи пешниҳодоти консептуалӣ барои ҳалли мушкилоти ошкоршуда;

**- пешниҳод шудааст:** бо дарназардошти ошкор гардидани мушкилот ва масъалаҳои ҳалталаб вобаста ба мафҳум ва табиати ҳуқуқии шартномаҳои консессионӣ, хусусияти таркиби субъектҳои чунин шартномаҳо, усулҳои интихоби консессиядор, раванди ба имзорасонӣ ва амалигардонии шартномаҳои консессионӣ, кафолати ҳуқуқҳои тарафҳои шартнома, ҷавобгарии тарафҳо барои иҷрои шартҳои шартномаи консессионӣ ва ғайра ҷиҳати такмили қонунгузории соҳа ва бо мақсади боз ҳам беҳтару самаранок амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи консессия таклифҳои судманд пешниҳод гардидааст;

**- исбот шудааст: дар натиҷаи таҳқиқоти илмии мазкур** заминаҳои таърихию объективии шартномаҳои консессионӣ дар Тоҷикистон, омилҳои монеасози рушди чунин шартномаҳо, табиати маданӣ - ҳуқуқӣ доштани шартномаҳои консессионӣ, хусусиятҳои фарққунандаи он аз дигар шартномаҳои алоқаманд ва аз ҳама муҳим самаранокӣ ва манфиатнокии чунин шартномаҳо дар раванди истифодаи амволи давлатӣ исбот шудааст;

**- ҷорӣ намудани:** меъёрҳои дар сатҳи қонунгузорӣ муқарраршудаи интихоби консессиядор тавассути усули озмуни кушода, шартномаҳои намунавии консессионӣ дар соҳаҳои алоҳида, ки хусусияти тавсиявӣ доранд, муайян намудани объектҳои эҳтимолӣ ва афзалитяноки шартномаҳои консессионӣ ва тавассути сомонаи расмии мақоми ваколатдори давлатӣ муаррифӣ намудани онҳо, меъёрҳои мушаххаси объектҳои соҳаи мудофиа ва амният, инчунин ҳисобкунии консессионӣ бо мақсади ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ аз ҳисоби истифодаи моликияти давлатӣ тавассути механизми консессионии шарикии давлат бо бахши хусусӣ.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки** муаллиф дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомдода пешниҳодҳои назариявию амалӣ ва ташкилию стратегиеро, ки метавонанд дар ҷараёни такмили заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва ташкилии соҳаи консессия, инчунин танзими ҳуқуқии муносибатҳои консессионӣ байни давлат ва бахши хусусӣ муфид бошанд, манзур намудааст. Хулосаҳо ва пешниҳодҳое, ки дар кори илмии мазкур оварда шудаанд, метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи ин мавзуъ, фаъолияти таълимӣ ва такмили қонунгузории миллӣ дар соҳаи консессия, махсусан аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар мавриди босамар амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи консессия ба таври васеъ истифода гарданд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошт**а усулҳои умумиилмии таҳлил ва синтез, инчунин усулҳои таҳлили мантиқӣ, системавӣ, муқоисавии ҳуқуқӣ ва таърихӣ истифода шудаанд, ки то ҳадди имкон барои ноил шудан ба ҳадафҳои таҳқиқот мусоидат кардааст:

**- баён шудани** таклифи мушаххас ҷиҳати такмил додани мафҳумҳои консессия ва консессидор, омӯзиши пурраи заминаҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи консессия ва ҷудо намудани онҳо ба гурӯҳҳои умумӣ ва махсус, инчунин

афзалиятҳои истифодаи моликияти давлатӣ дар асоси шартномаҳои консессионӣ;

- **ошкор гардидани** хусусиятҳои хоси шартномаҳои консессионӣ дар низоми шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ, номукаммалии асосҳои ҳуқуқии танзими шартномаҳои консессионӣ, ба таври маҳдуд пешбинӣ кардани уҳдадориҳои конседент дар сатҳи конунгузории амалкунанда, номукаммалии кафолатҳои ҳуқуқӣ ҳамчун унсури монеасоз дар раванди тавсеи шартномаҳои консессионӣ ва ғайра;

- **омӯхта шуданд:** заминаҳои танзими ҳуқуқӣ ва рушди муносибатҳои консессионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мафҳум, хусусият, таснифот ва табиати ҳуқуқии шартномаҳои консессионӣ, ҳуқуқу уҳдориҳо, кафолатҳои ҳуқуқӣ ва масъулияти субъектҳои шартномаи консессионӣ;

- **аз нав такмил додани** заминаҳои қонунгузорӣ ҳамчун муҳимтарин омили рушди шартномаҳои консессионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба таври мушаххас ва фарогир мустаҳкам кардани кафолатҳои ҳуқуқии тарафҳои шартномаҳои зикршуда, пешбинӣ намудани баррасии баҳсҳо вобаста ба шартномаҳои консессионӣ дар суди арбитражӣ, тавсеа бахшидани фаъолияти таъсирбахши мақоми ваколатдори давлатӣ ва муаррифии бештари объектҳои афзалиятнок, ки ба консессия супорида мешаванд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки** натиҷаҳои он метавонад дар раванди такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи консессия истифода шаванд, инчунин дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва намояндагони бахши хусусӣ, ки ба сифати консессиядор ширкат менамоянд, ба таври васеъ ба кор бурда шавад.

- **муайян карда шуданд**, ки тибқи таҷрибаи хориҷии фаъолияти консессионӣ маҳз тавассути бастани шартномаҳои консессионӣ, истифодаи дурусту мақсадноки моликияти дар ихтиёри давлат қарордошта, инчунин самаранокию сифатнокии хизматрасониҳо бо истифода аз чунин моликият ҷиҳати қонеъ намудани талаботи истифодабарандагони ниҳоӣ таъмин мегардад. Шарикии давлат бо бахши хусусӣ ва шаклҳои зуҳури он, алалхусус консессия дар Тоҷикистон ҳамчун падидаи иқтисодӣ - ҳуқуқии нав ва ба таври амиқ омӯхтанашуда маҳсуб ёфта бошад ҳам, амалигардонии аввалин шартномаи консессионии системаи энергетикии ВМКБ ва ба консессия супоридани шоҳроҳи Душанбе - Чанок самаранокии худро нишон доданд.

**офарида шуд:** натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ мавқеи асоснокро дар мавриди табиати ҳуққуқии шартномаҳои консессионӣ офарида, баҳри ба таври комил беҳтар намудани татбиқи фаъолияти консессионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 тавсияҳои мушаххасро пешниҳод намудааст, ки амалигардонии онҳо барои баланд бардоштани самаранокии иқтисодию молиявии шартномаҳои коснессионӣ мусоидат менамояд;

-**муаррифӣ карда шуд:** тавассути таҳқиқоти мазкур мавқеи мустаҳками

шартномаҳои консессионӣ дар низоми шартномаҳои ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи илмӣ, ҳуқуқӣ ва омӯзишу муқоисаи таҷрибаи байналмилалӣ муаррифӣ карда шуда, собит гардидааст, ки тавассути бартараф намудани мушкилоти аз натиҷаи таҳқиқи илмии мавзӯи мазкур ошкоршуда дар оянда чунин шартномаҳои васила и самарабахши истифодаи моликияти давлатӣ мегарданд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо, инчунин, тавсияҳои амалие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, аз таҳқиқи пурраи илмию ҳуқуқии таҷрибаи консессионии миллӣ ва байналмилалии консессионӣ сарчашма гирифта, дар заминаи омилҳои мшкилоти ошкоршуда ва маҳз баҳри бартараф кардани онҳо ташаккул ёфтаанд.

- **барои корҳои таҷрибавӣ:** дар доираи мақолаҳои илмӣ ва худи диссертатсия аз ҷониби муаллиф таҷрибаи миллӣ ва байналмилалии консессионӣ таҳлил гардида, масъалаҳои ҳалталаб ошкор ва баҳри бартараф гардиданашон таклифҳо манзур шудаанд. Махсусан, ошкор гардидааст, ки новобаста аз холигиҳои муайян дар қонунгузории амалкунанда маҷмӯи масъалаҳо дар худи шартномаҳои консессионии басташуда ба таври муфассал танзим шуда, аз он шаҳодат медиҳад, ки ҷонибҳои шартномаҳои консессионӣ бештар ба таҷрибаи байналмилалӣ такя намудаанд. Бо дарназардошти чунин натиҷаи таҳқиқоти илмӣ, зарурати ба танзими ҳуқуқӣ фаро гирифтани чунин таҷрибаи пешқадам ба манфиати кор мебошад:

- **ғоя асоснок шудааст:** дар натиҷаи таҳқиқот баҳри такмил додани мафҳумҳои "консессия", "консессиядор", "пардохти консессионӣ", талабот нисбат ба молу мулке, ки ба консессия дода мешаванд, кафолати ҳуқуқии консессиядор, даст кашидани давлат аз масъунияти худ вобаста ба шартномаҳои консессионӣ ва ғайраҳо таклифҳои асоснок пешниҳод шудааст;

- **истифода шудаанд:** таклифҳои муаллиф вобаста ба мафҳуми консессия, консессиядор, такмили принсипҳои фаъолияти консессионӣ, ки бо мақолаҳои илмӣ пешниҳод шуда буданд, дар марҳилаи таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи консессияҳо" аз соли 2011 истифода гардиданд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, таклифҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ - назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ оид ба таҳқиқоти масъалаҳои шартномаҳои консессионӣ асоснок карда мешавад. Услуби навишт ва изҳори андеша, масъалагузории илмӣ ва таклифҳо барои такмили қонунгузории соҳавӣ низ аз саҳми шахсии муаллиф дарак дода, дар раванди ҳуқуқэҷодкунӣ ба инобат гирифтани таклифҳои муаллиф, ки дар мақолаҳои илмӣ пешниҳод гардидаанд, асоснокии мавқеи илмию амалии диссертантро инъикос менамояд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло дар маҷлиси Шӯрои диссертатсионӣ аз 24 сентябри соли 2024 қарор қабул карда шуд, ки ба Абдуллозода Аҳтам Рустам дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шӯрои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, №15/шд тасдиқ гардидааст 13 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 3 нафарашон докторони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 13 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқушиносӣ 12 нафар, муқобил - нест, бетараф нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Аззизода У.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Қодиров Н.А.**
**24 сентябри соли 2024**